МУРОДАЛӢ СОБИР

С тоҷ2
Ф С-54



# ШОҲПАРАК

**ББК 84 тоҷик 7-5**
**С-67**

Муродалӣ Собир. **Шоҳпарак**, Душанбе: «Маориф ва фарҳанг», 2013, 120 саҳ.

Муҳаррир: Мубашшир Акбарзод

Ин китоб ашъори шоири хушбаён Муродалӣ Собирро дар бар мегирад. Дар шеърҳои ӯ бузургии Ватан ва зебоиҳои табиати кишварамон бо маҳорат васф гардидаанд. Хонандаи ҷавон аз мутолиаи ин ашъор баҳраи зиёди маънавӣ мегирад.

Бо тавсияи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр мерасад.

ж.
13168

**ISBN 978-99947-1-191-8**

**©Маориф ва фарҳанг, 2013**

# ВАТАН

Ту манбаи саодатӣ,
Ту даргаҳи муҳаббатӣ.
Ту шуҳрати замонаӣ,
Ту умри ҷовидонаӣ.

Ватан, Ватан, Ватан, Ватан,
Маро ту ҷону дил ба тан!
Ҳамеша бош сарбаланд!
Ҳамеша бош бегазанд!

Ту модари ягонаӣ!
Ягонаӣ, ягонаӣ!
Ватан, Ватан, Ватан, Ватан,
Туӣ тавони ҷонутан!

# НАВРӮЗ

Фасли баҳорон расид,
Сабза чӣ зебо дамид.

Ёлаҳо зебо шуданд,
Ҷойи тамошо шуданд.

Резаборон меборад,
Аз новаҳо мешорад.

Дунё пур аз тароват,
Кас мебарад ҳаловат.

Нури саҳар шуд дигар,
Рӯзу шаб шуд баробар.



## СЕЛ

Борони сахт борид,
Аз кӯҳу пушта шорид.

Санг омаду гил омад,
Сад бим дар дил омад.

Дарё магар битӯрид,
Бо соҳилаш бишӯрид?

Шӯру мағал бубардошт,
Сангу шағал бубардошт.

Санге ба санг дар ҷанг,
Дунё ба дидааш танг.

Ларзонд ҷумларо ӯ,
Тарсонд ҷумларо ӯ.

Сел аст як фалокат,
Орад ҳазор офат!

# ДУГОНИК

Бо ҳам ки хоҳаронанд,
Ҳамчун ду ахтаронанд.

Пурсанд ҷумла онҳо:
Фотима? ё ки Зуҳро?

Як себаки дутақсим:
Ин аст ниму он ним!

Бо ҳам чӣ гуна монанд!
Дигар фақат ба номанд!



# СОАТИ ДЕҲА

Қу-қу кунад саҳаргоҳ
Хурӯсак сари девор,
Соати деҳа аст он,
Ҳамаро кунад бедор.

Боли худро афшонда
Бо чӯҷаҳояш мурғак,
Қу-қу гуфта дон ҷӯяд,
Берун шуда аз катак.

Гову бузу гӯсфандон,
Ханҷар думро ҷунбонда,
Берун шаванд аз оғил,
Равона сӯйи пода.

Саврӣ ҳавлӣ мерӯбад,
Ёрирасонаш хоҳар,
Баъди рӯбучин раванд
Сӯи мактаб баробар.

Ҳар кӣ хезад пагоҳӣ,
Намегирад ҳеҷ ором.
Озодарӯ бигардад
Аз субҳ то дами шом.

# АБРИ НАЙСОН



Эй абри пора-пора,
Кучо маҳу ситора?

Равшанишон кучо шуд?
Кардӣ ниҳон пушти худ?

Дар пушти ту бачо шуд?
Торик шуд. Чаро шуд?

Абраки найсон, бибор!
Файзи фаровон, бибор!

# КИТОБ

Кас мерасад ба мақсад,
Ҳамеша китоб хонад.
Донову кордон шавад,
Ҳама чизро медонад.

Китоб хонад шабу рӯз,
Дарҳо шавад кушода.
Бардорад ҳосили илм,
Гар дорад ӯ ирода.

Дар ин дунё набошад
Чизе беҳтар аз китоб.
Хонда ҷое нафаҳмӣ,
Ба мактаб бикун шитоб!



# НОЗИРИ РОҲ

Бо чӯбаки алоям
Истода дар сари роҳ,
Ронандаи чаправрo
Менамоям ман огоҳ.

Чароғаки раҳнамо
Вақте намекунад кор,
Беш аз ҳарвақта бояд
Бошад ронанда ҳушёр.

Ҳар гаҳ аз роҳи калон
Хоҳӣ, гузар намоӣ,
Сӯйи ишорачӯбам
Бояд назар намоӣ.

Яъне, итоат кунӣ,
Ба ишораам агар,
Бехавф рафта ойӣ,
Ҳар ҷо, ки кардӣ сафар.

## МОДАР

Дар рӯйи олам
Монанди модар
Ҳаргиз набошад
Бар ҷон баробар.

Аз меҳр ӯро
Дар дил ки кон аст,
Номаш чу хуршед
Бас ҷовидон аст.



## МАКТАБУ МУАЛЛИМ




Сар мешавад ба олам
Роҳи дарози матлаб,
Аз ҳикмати муаллим,
Аз остони мактаб.

Бе мактабу муаллим
Дунё ҳамеша тор аст,
Бо мактабу муаллим
Як умр навбаҳор аст.

## ЧАШМАИ КӮҲӢ

Эй чашма, доим
Ҳастӣ ту дар ҷӯш.
Бар мо ту гӯйӣ:
- Гар ташнаӣ, нӯш!

Нӯшидам обат,
Софу зулол аст.
Чун шири модар
Обат ҳалол аст.



# КӮДАКИ ДАРЁ

Оби шӯхи чашмасор
Чун кӯдаки беқарор,
Аз оғӯши кӯҳистон
Сӯйи дарё раҳсипор.

Рӯди калони калон –
Чун модари меҳрубон
Ӯро гирифта дар бар,
Барад ба сайри ҷаҳон.



# ПАРАСТУ

Навбаҳорон меой
Аз ҷоҳои дуродур,
Месозӣ лона бо меҳр
Мисли косаи булӯр.

Дигар нарав аз ин ҷо,
Парасту, эй парасту!
Дар шифти хонаи мо
Барҷост лонаи ту!



## ШАМОЛАК

Тути фаровон пухта –
Шадда-шадда марворид.
Аз дасти ту, шамолак,
Ба мисли борон борид.

Наё чунин шитобон,
Шӯхии беҷо макун.
Рав ба кӯҳу биёбон,
Тута таги по макун!



... бачагонаи
... Тоҷикистон ба номи
... Миршакар
13168

## ҚУЛЛАҲО

Зебову хуррам доимо,
Эй қуллаҳои сарбаланд,
Боифтихор истодаед,
Чун посбонони Ватан.

Хуршед меояд бурун
Аз китфатон ҳар субҳдам,
Бар ҳусни зебои шумо
Ҳусни дигар бинмуда зам.

Эй қуллаҳо, эй қуллаҳо,
Зебо ба мисли қасрҳо,
Осеб набвад бар шумо
Аз боду борон асрҳо.

Эй қуллаҳо, ҳамчун шумо
Халқам ки бошад сарбаланд,
Ибрат бигирад аз шумо,
Монад ҳамеша бегазанд!



## ШАҲРИ МО

Гулгаштҳояш
Бисёр дилкаш,
Боғаш пур аз гул,
Сабзу мунаққаш.

Бошанд афзун
Фавворахояш,
Серун бидоранд
Доим ҳавояш.

Фавворахо не,
Рангинкамонанд,
Чун дар баҳорон
Роҳатрасонанд.

Дар кӯчаҳояш
Мардум зиёд аст,
Пиру ҷавонаш
Хурсанду шод аст.

Дору дарахташ
Бошад дилоро,
Ҳамто набошад
Гулшаҳри моро!



## НИДОИ ОБ

Меравам бо сар шитобон
Сӯйи саҳрову биёбон,

Рӯзу шаб бигзашта аз хоб,
Киштҳоро медиҳам об.

Мекунам ман боғу бустон,
Ҳар куҷо бошад биёбон.

Сабза то шодон барояд,
Лола хандон рӯ кушояд,

То ки гандум хӯша бандад,
То ки мардум хуш бихандад,

Меравам бо сар шитобон
Сӯйи саҳрову биёбон…



## БОРОН

Ҳангоми навбаҳорон
Шодона рехт борон.

Борон, ки гарм борид,
Бар хоки нарм форид.

Бедор гашт то хок,
Сабзид сабза чолок.

Дар дашту кӯҳу ёла
Омад ба ханда лола.

Сар кард нола булбул,
Андохт шӯру ғулғул.

Бар хоки нарму тафсон
Пошид дона деҳқон…

Борон, ки оби пок аст,
Доруи ҷони хок аст.



## БОҒИ МАКТАБ



Як қитъаи заминро
Ҳамвор карда будем,
Сарҷамъ гашта, бо шавқ
Шудгор карда будем.

Бо ҳам шинонда будем
Як радда себи хушрӯ,
Дар хатти дигари он
Анҷиру ноку олу.

Дар як замони кӯтоҳ
Сабзид боғи зебо,
Як ҷойи дилкушо шуд
Атрофи мактаби мо.

Акнун ба деҳа ин боғ
Файзу сахо бибахшад,
Бар дидаву дили мо
Нуру сафо бибахшад.

# БОБОИ ДЕҲҚОН

Бобо маро чу ҷон аст,
Деҳқони кордон аст.
То ҳосилаш физояд,
Саҳро варо макон аст.

Чун хӯша сархам аст ӯ,
Пурфайз одам аст ӯ.
Бо меҳнати ҳалолаш
Раззоқи олам аст ӯ.



## БАҲОРИ ДЕҲА



Хуршеди оламоро
Тобад хушу гуворо.

Барф об гашта, чун шир
Тозад зи ёна бар зер,

Чун ҷӯ шавад равона,
Хонад аҷаб тарона.

Дашту даман пур аз гул,
Форам навои булбул.

Бишкуфта себу олу,
Асал кашонад ору.

Аз тифлакон хандон
Гул кард боғу бустон.

Шабнам чу нуқра резад,
Мардум бавақт хезад.

Дар деҳа навбаҳор аст!
Айёми киштукор аст!

# СУРУДИ ШАРШАРА



Оби зулоли шаршара
Афзуда ҳусни манзара,
Бозикунону дав-давон
Ҷорист аз кӯҳу дара.

То роҳро кӯтаҳ кунад,
Хонад суруд ӯ худ ба худ,
Савту сурудаш мерасад
То даштҳои каб-кабуд.

Гӯё зи шавқи ин суруд
Ҳар қулла дорад шавқу шӯр,
Ҳар як диҳад акси садо
Бо шаршара гардида ҷӯр.

## СИТОРА

Дар осмони бегоҳ,
Дар пеши дидаи моҳ
Рахшад яке ситора,
Монанди моҳпора.
Чун тифли бегуноҳ аст,
Ӯ балки тифли моҳ аст?!



## ГУНҶИШКАК

Чириқ-чириқ мехонад
Гунҷишкак дар лаби бом,
Намеравад аз наздам
Монанди мурғаки ром.



Дар сармои зимистон
Аз тахта лона кардам,
Аз барояш муҳайё
Пас обу дона кардам.

Омад баҳори хуррам,
Хуш табъи бачаҳо шуд,
Гунҷишки зори ман ҳам
Аз ранҷу ғам раҳо шуд!

## ПАЙРОҲАИ КӮҲИСТОН

Дар китфи кӯҳсорон
Пайроҳа бешумор аст,
Тай карданаш ба одам
Як кори ранҷбор аст.

То पояке налағжад,
Дониста пой монӣ.
Ҳушёр боядат буд,
То по баҷой монӣ.

Дар пеш – қуллаи кӯҳ,
Дар пушт – роҳ бар дашт,
Душвор – пеш рафтан,
Душвор – роҳи баргашт.

Пайроҳа мебарад пеш,
Пайроҳа оварад пас,
Ҳар сӯ равад, зарур аст
Ҳушёр будани кас!



## БАҲОР

Борони баҳор
Ҳама ҷоро шуст,
Қад-қади дарё
Сабзаву гул руст.

Гуфтам: Чӣ зебо
Фасли баҳорон!
Бо ман ҳамовоз
Шуд кӯҳсорон.



## ИЛТИҶО АЗ ТЕЛЕФОН

Алло, алло! Телефон,
Макун маро саргардон!
Ман аз ҳамсинфам Парвиз
Мепурсам танҳо як чиз:

Дарси ҳисобам – азоб,
Азоби ман шуд ҳисоб!
Мағзам агарчи шуд гиҷ,
Масъала ҳал нашуд ҳеҷ.

Алло, алло! Телефон,
Хоҳишамро нагардон,
Ман худ бигаштам таҷанг,
Макун дигар ту гаранг.

Бо лутфи худ шодон кун,
Мушкиламро осон кун!
Агар шавӣ ту вайрон,
Ман монам зору ҳайрон.

## ТАРСОНЧАК

Як рӯзи тобистон буд,
Ҳамроҳам Қаҳрамон буд.

Мерафтем аз пуштаҳо,
Аз канори киштаҳо.

Мавзӯи суҳбати мо
Буд зӯру ҷуръати мо...

Харгӯшаке ногаҳон
Шуд рӯи раҳ намоён.

Қаҳрамон чун онро дид,
Дидам, ки сахт тарсид.

Рангирӯяш дигар шуд,
Дар ҷойи худ пакар шуд...

- Ваҳ, рӯбоҳи бало ин?!
Ё ки гурги ало ин?!

Чӣ мешавад ҳоли мо?!
Вой ба аҳволи мо?!

Ҳар кӣ бошад тарсончак,
Тарсончаки ларзончак,

Аз ҳар зоте метарсад!
Аз ҳар боде меларзад!

## МАНЗАРА

Паҳлуи дарё
Як беди маҷнун,
Қад карда боло
Сарсабзу мавзун.

Об аст ҷорӣ
Бо сарфарозӣ,
Бо кокули бед
Бинмуда бозӣ.

Боде вазон аст
Дар гирду атроф,
Сабқат кунад ӯ
Бо оби шаффоф.

Бедак, ки дар об
Кокул бишӯяд,
Боди баҳорӣ
Хуш-хуш бибӯяд.



## ОФТОБ

Чак-чак чакид бо завқ
Барфоба аз лаби бом,
Шуд офтоб пурнур,
Сардӣ биёфт анҷом.

Ҳар сабза сар кашида,
Аз хоки тар бадар шуд,
Обу ҳаво хуш омад,
Ранги замин дигар шуд.

Чун гул шукуфта саҳро,
Хушрӯз гашта одам,
Аз нури офтоб аст
Файзу сахои олам!



## ОРЗУ

Ҳар гуна ашё оранд
Мошинаҳои қатор,
Аҷаб хона месозанд
Бинокорони гулкор.

Акоҷони ман - Боқӣ
Дар ин ҷо банди кор аст,
Бинокори одӣ не,
Ӯ устои гулкор аст.

Ҳоло ки ман дар мактаб
Хубу аъло мехонам,
Касбу кори худамро
Аз ҳамахуб медонам.

То ки аз меҳнати ман
Шавад зеботар диёр.
Мисли акоям - Боқӣ
Ман ҳам шавам бинокор!

## ДЕҲАИ ПОЙҒОЗӢ

Деҳаи Пойғозиям,
Ошиқи худ созиям.

Дар соҳили ду рӯдӣ,
Зебову хушнамудӣ.

Обаки чашмасорат,
Ҳавои беғуборат

Зӯру тавон бибахшад,
Ба ҷисм ҷон бибахшад.

Ҳар кӣ ба деҳа ояд,
Ба лаб бадеҳа ояд,

Аз ҳусн мот гардад,
Ғарқи нишот гардад.

Ин деҳа не, биҳишт аст,
Ҳадяи сарнавишт аст.



## ТӮШАИ БАҲОР

Фасли навбаҳор омад,
Ба уштур савор омад.

Уштури қатор омад,
Тӯшаи бисёр омад.

Уштури абри равон,
Уштури абри давон.

Либоси ҳил-ҳил овард,
Рӯмоли шил-шил овард.

Ҳам ҷомаи махмалин
Оварда баҳри замин.

Ҳам марҷону марворид,
Борони сим-сим борид.

Заминро ҳай хушрӯ кард,
Табиатро хушбӯ кард.



## ВАТАН РОЗӢ – МАН РОЗӢ

Нома омад ин саҳар
Аз акои ман Назар.

Нома ба номи модар,
Чун эҳтироми модар.

Кушод ӯ хати писар.
Бидид сурати писар.

Чашмонаш дурахшанда,
Лабонаш пури ханда,

Пагонҳояш ҷилодор,
Нишонҳояш бешумор.

Ин бошад гувоҳи он –
Хидмат мекунад шоён.

Дар лабонаш табассум,
Дили модар мезад гум,

Гуфто: Ҷигарбанди ман,
Розӣ кун аз худ Ватан!

Ватан розӣ – ман розӣ,
Ман розӣ – Ватан розӣ.

## ЗОҒЧАИ БАРФӢ

Барфи калон фуромад,
Парвонасон фуромад.
Чун пахтаҳои бибӣ
Аз осмон фуромад.

Рӯйи адиру пушта
Дар барфи тӯдагашта
Ҳай шодмонӣ карданд,
Зоғон ба ҳам нишаста.

Якбозии хуб карданд,
Барф аз ҳар ҷо тӯб карданд,
Гӯё як зоғак сохта,
Пояшроаз чӯб карданд.

«Қарру қарру қар» гуфтанд,
Ҳайкалчаро «пар!» гуфтанд.
Зоғак наҷунбид аз ҷо,
«Бимон то саҳар…» гуфтанд.

## ЧӮПОНӢ

Ман чӯпонӣ мекунам,
Раммабонӣ мекунам.

Барраву бузғоларо
Мебарам сӯи чаро.

Дар дашту кӯ мепоям,
Дар лаби ҷӯ мепоям.

Ҳамеша дар саҳроям,
Ман ёвари бобоям.

Ман далеру нотарсам,
Аз чизе намеларзам.

Саги ман аз қафоям,
Силоҳи ман – асоям.



# ГУРБА САНИТАР ШУДАСТ

Эй гурба, дорӣ хур-хур,
Ҳарду гӯшат доим чур.

Дар сари роҳи мушак
Ҳастӣ хеле баҳушак.

Инак, меликконӣ дум,
Тайёрастӣ ба ҳуҷум.

«Фахху фуху фахху фух»,
Шуд думи як мушак чух.

Бо як ҷаҳиши озод
Мушак ба чангат афтод.

Сайдатро берун бурдӣ,
Берун бурдию хӯрдӣ.

Аз сари нав дар камин
Пой роҳи ону ин...

Аз мушони зарарнок
Хонаро мекунӣ пок.

Аз рӯзе гурба дорем,
Як зарра ғам надорем.

Гурбасанитар шудаст,
Тозагӣ беҳтар шудаст.



## МАРО БОҒЧА БУРДА МОН

Очаҷони меҳрубон,
Ман дигар шудам калон,

Маро акнун боғча бар,
Мисли Ҷонону Хубон.

Онҳо хонанд «Алифбо»,
«Алифбо» - ҷони зебо.

Ҷонон донад афсона,
Хубон хонад тарона.

То кай ман танҳо, оча,
Шинам ҳамроҳи зоча?

Рақамҳоро надонам,
Навиштан ҳам натонам.

Очаҷони меҳрубон,
Маро боғча бурда мон!



## МАЙДА НЕ

Алифбо хонад Амон,
«а»-и хурд, «А»-и калон.

Ҳиҷо ба ҳиҷо хонад,
Бе ягон хато хонад,

Дигар майда не Амон,
Дар хондан ӯ қаҳрамон.

Ёрӣ расонад мудом
Ба модари меҳрубон.

Дорад басе эҳтиром
Ба ҳама хурду калон,

Зеро китоб мехонад,
Неку бадро медонад.



## ТОҶИРБИБӢ

Касе ба долон омад,
Монанди меҳмон омад,

Турбаву қаноре дошт,
Ҳай бори бисёре дошт.

Магар ӯ савғо оварда,
Шӯришу ғавғо оварда.

Ӯ бибии тоҷир буд,
Колояш бозоргир буд.

Ҳалқаву гӯшворе дошт,
Куртаву шалворе дошт,

Гаронаш сила карданд,
Арзонаш тала карданд.

## МОДАРКАЛОН

Бибиҷонам дарздӯз,
Медӯзад ӯ шабу рӯз

Сӯзаниҳои зебо
Чун баҳори дилкушо.

Сар то ба по ғарқи гул,
Дар он ғазалхон булбул…

Ба ангушти бибиҷон
Сӯзан халид ногаҳон.

Якбора нола кард ӯ,
Гуфт «Очаҷон!» бадард ӯ.

Мо ҳама ҳайрон шудем,
Ба ӯ нигарон шудем.

Бо ин бузургӣ модар
Медонӣ, эй бародар?

Вақте ки ояд ба ҷон,
Мегуфтааст: «Очаҷон!»

Оча ғанимат будаст,
Аз ҳама қимат будаст.

## БОЗИИ АҶИБ

Асо дарвозабон шуд,
Бозигари чаққон шуд,

Одинаву Музаффар
Шуданд муҳофизатгар.

Зафар сардорашон шуд,
Бозӣ кори калон шуд.

Тӯби чармии зебо
Мепарид аз зарби по.

Аз ин тараф Зафар зад,
Аз он тараф Сафар зад.

Мухлисони гузаро
Карданд шӯру ғавғо.

Ҳасанҷони ҳуҷумгар
Баъди ҳуштаки довар

Гирифта тӯбро ба даст,
Ба дарвоза зад башаст.

Довар гуфто, ки «гол шуд,
Футбол не… волейбол шуд!»

## БИЁ, БА АЙВОН

Дар гӯшаи бом
Нишаста,куку,
Аз саҳар то шом,
Чӣ мегӯӣ ту?

Лонаякатро
Фасли зимистон
Аз барфу борон
Кардаст вайрон.

Нашав ту ғамгин,
Биё ба айвон,
Кукуи зебо,
Аз нав лона мон.

Обу донатро
Мекунам тайёр.
Ҳамроҳи ман мон
То фасли баҳор!

## ГУЛМОҲӢ

Афканда шаст
Дар оби рӯд,
Чашмам ба пӯк,
Дар лаб суруд,

Рӯди пуроб
Доим ба ҷӯш
Пурпечутоб,
Андар хурӯш.

Медод шаст
Огоҳие –
Бинам дар он
Гулмоҳие.

Буд гулмаҳӣ
Дар изтироб.
Дар рӯи хок
Дар печутоб…

Сар додамаш
Дар оби кӯл,
То ки шавад
Моҳича мӯл.



## ДУ ДУХТАРИ ЯК ХОНА

Зочаҷони зебоям,
Азизӣ аз бароям.

Агар хезӣ ту аз хоб,
Шинӣ пешам баодоб,

Тоза шӯям рӯятро,
Шона занам мӯятро,

Ҳарду шавем дугона
Ду духтари як хона.


8

## ШАҲПАРАК

Шаҳпараки холдор,
Боли ту – нақшу нигор.

Нақшу нигорат бувад
Манзараи навбаҳор.

Болу парат – ранги гул,
Ҷону дилат – беқарор.

Ҳар гули боғу чаман
Дар раҳи ту интизор.

Файз барад гул зи ту,
Гул зи ту ояд ба бор.

Аз бари гул омадӣ?
Сӯйи гулӣ раҳсипор?

Балки худат як гулӣ,
Як гули фасли баҳор!

## ЗАНГӮЛА

Ҳар сӯ битохтам ман,
Зангӯла сохтам ман.

Зангӯлаи басо зӯр,
Пурғулғул асту пуршӯр!

Чун риштааш кашад кас,
Вай мезанад ҷарангас.

З-он мурғакони тарсу
Тарсон паранд ҳар сӯ!

Гардид боғи ангур
Аз хавфу аз хатар дур!

Гунҷишку майнаву зоғ
Дигар кай ояд ин боғ?!

## БАҲОР

Гул руст дар сари санг,
Барф об шуд, ниҳон шуд,
Сар то сари деҳистон
Зебову гулфишон шуд.

Лолахасак сар афрохт
Дар байни сабза бо ноз,
Кабкони хушнаво низ
Гаштанд нағмапардоз.

Ҷӯшида мебарояд
Аз кӯҳ обаки соф,
Овози чашмасорон
Ояд ба гӯш аз атроф.

Бо мо биё ту, эй дӯст,
Бар сайри кӯҳсорон,
Бо дасти худ бичинем
Аз пойи тарма торон.



## РАХШОНА РАҲГАРДОН ШУД!

Гаштем имшаб парвона
Мо дар гирди Рахшона.

Рахшона раҳгардон шуд,
Аҳли хона ҳайрон шуд.

Инак, дар рӯи хона
Раҳ мегардад Рахшона.

Шодон-шодон мегардад,
Тарсон-тарсон мегардад.

Мо ҳам бо ӯ по монем,
Шодонему тарсонем.

Аз гаштанаш шодонем,
З-афтоданаш тарсонем.

Рахшона раҳгардон шуд,
Як хона саргардон шуд!

## НАҚБИ УШТУР

Чун даст дода бо ҳам
Ҷаҳду ҷадал намудем,
Садсола мушкили хеш
Аҳлона ҳал намудем.

Аз қалби кӯҳи сангин
Ин нақб шуд кушода,
Бо дасти дӯстиҳо,
Бо оҳанин ирода.

Раҳ бар ҷануб шуд боз,
Раҳ боз бар шимол аст,
Дигар кушода ин роҳ
Дар чор фасли сол аст!

## АБРҲОИ ФАЙЗБОР

Эй абрҳои файзбор,
Эй абрҳои навбаҳор,
Кишту зироатҳои мо
Роҳи шуморо интизор.

Донад ҳама хурду калон:
Чун фасли боронӣ шавад,
Фархундапай бошад баҳор,
Соли фаровонӣ шавад.

Эй абрҳои файзбор,
Эй абрҳои навбаҳор,
Аз лутфу эҳсони шумо
Дунёст дар авҷу барор!

## БАРФИ ЗИМИСТОН

Дар вақташ омад
Зебо зимистон,
Бориду борид
Барфи фаровон.

Мо ҳам ба берун
Гӯё паридем,
Аз шавқу шодӣ
Ҳар сӯ давидем.

Чун дар баҳорон
Форам ҳаво шуд,
Барфи фаровон
Роҳатфизо шуд.

## ДАР ЁДИ МОДАР

Сурати аскареро
Бибиҷонам аз ҷевон
Ҳар гаҳ гирифта бинад
Бо панҷаҳои ларзон.

Он акси дилбанди ӯст,
Рафта ба ҷанги Гирмон.
Ягона фарзанди ӯст,
Қурбон шуда дар майдон...

Аскаре акнун агар
Бо вай шавад рӯбарӯ,
Баччаи аскарашро
Мекунад ӯ пурсуҷӯ.

– Надидаӣ, писарҷон,
Ту нури чашми манро? –
Дар қатори аскарон
Баччаи ман – Ҳасанро?...

3-он ҷанги хонумонсӯз
Бигзашт вақти бисёр,
Фарзанд лек зиндаст
Дар ёди модари зор.

# ҚИССАИ НАВИ ГУРБАВУ МУШ

Се мушак бозӣ мекард,
Ҳай сарфарозӣ мекард.

Инро чу дид Мошон,
Он сӯ давид Мошон.

Он се вале натарсид,
Як зарра ҳам налaрзид.

Мошон гуфто бо ғазаб:
– Эй мушони беадаб!

Коратон шуд хеле бад,
Расидам ман ба мақсад!

Чаро шумо аз хатар
Бепарвоед ин қадар?

Чун ин сухан шуниданд,
Ҳар се мушак хандиданд.

Ин ба Мошон алам кард,
Ҳар ду лунҷаш варам кард.

Монанди тир аз ҷо ҷаст,
Зад бар сари мушон даст.

Аммо яке зарба хӯрд,
Зарбаи сеҳарба хӯрд.

Шуд тира пеши чашмаш,
Гуфт аз камоли хашмаш:

– Аз мушакони бадкор
Шудам ман беҳад безор.

Моҷаро дар работ буд,
Ин се мушак робот буд.



## ШАҲБУЗ

Бо шавқу ғайрати беш
Бошӣ ту аз ҳама пеш.

Бо роҳи тангу кӯҳсор
Ҷӯӣ раҳи алафзор.

Ёбӣ чу он маконро,
Хонӣ ту дигаронро.

Рама равад зи пуштат,
Ҳама давад зи пуштат.

Чун шаҳбузи асилӣ,
Ту рамаро кафилӣ.

Чӯпон зи рафторат шод,
Ҷӯяд вай аз ту имдод.

## БОҒИ ҲАЙВОНОТ

Маҳзуну хастаҳоланд
Шеру паланги ин ҷо,
Касро ба танг орад
Даргоҳи танги ин ҷо.

Боре нигар ба шоҳин,
Болу параш кашол аст,
Ҳайбат намонда ӯро,
Бечора пурмалол аст.

Паҳлӯи хеш хорад
Маймун аҷаб нишаста,
Хоянд баччаҳояш
Чалғӯзае шикаста.

Заррофа гарданашро
Бар ҳар тараф битобад,
Аз коҳи хушку хошок
Вай лаззате чӣ ёбад?

Ҳастанд ҷумла озод,
Инҳо чӣ? Банди маҳбас!
Аз ҳоли зори инҳо
Дилгир мешавад кас...



## ДАР ХИРГОҲ

Дар кӯҳу дашту бешазор
Мо истироҳат мекунем.
Зебодиёри хешро
Сайру саёҳат мекунем.

Дар айни гармиҳо чӣ хуш,
Худро ба об андохтан!
Гоҳе нишастан гирди ҳам,
Якҷоя гоҳе тохтан.

Пойи бараҳна, ваҳ, чӣ хуш,
Ин ҷо қадам бигзоштан!
Дар субҳ рафтан сайри кӯҳ,
То шом моҳӣ доштан.

Дар сабзу хуррам ҷойҳо
Хуш бигзарад таътили мо,
То тирамоҳон хуш расад
Соли нави таҳсили мо!



## ЗИМИСТОНИ ВАРЗОБ

Дар дараи сабзи мо
Фасли зимистон расид,
Зеб танашро бидод
Боз ҳарири сафед.

Обаки дарёи шӯх
Таг-таги ях шуд равон,
Селаи кабкаш нишеб
Сар-сари шах шуд равон.

Барфи хуши нуқратоб
Бораду борад само,
Мавсими сарду зебо
Фораду форад ба мо!

## РАНҶИ ТАНБАЛ

Наздаш кушода дафтар,
Ҷонаш вале ба танг аст,
Чашмаш ба сӯйи устод,
Ҳушаш вале ба занг аст.

Кай мешавад танаффус?
Аз дарс то бароял!
Аз хавфи «2» гирифтан
Шояд зи нав раҳояд!...

Иҷро накард аз ҷон
Ҳар кас вазифаи хеш,
Дар зери бори таъна
Монад ба вақти тафтиш.

## МОДАР

Дар рӯйи олам
Яктост модар,
Ҳар ҷо ки бошад,
Бо мост модар.

Бар мо дурахшад
Чун моҳу хуршед,
Бар мо бибахшад
Ӯ бахту уммед.

Баски пур аз меҳр
Ҷону дили ӯст,
Дорем ӯро
Аз ҷону дил дӯст!

## ВАҲДАТ

Аз заҳмати дастони мо
Файз аст рӯйи хони мо.
Аз ваҳдати меҳру вафо
Обод бошад ҷони мо.

Бо азми худ, бо разми худ
Дар Вахш-рӯди пуршукӯҳ
Созем нерӯгоҳи нав
Дар роҳи обу қалби кӯҳ.

Бар қасди бадхоҳон ҳама
Аз ҷону дил ғайрат кунем.
То хубтар гардад ҳаёт,
Дасти ба ҳам ҳиммат кунем.

Давру замони Ваҳдат аст,
Ҷову макони Ваҳдат аст.
Роғун барои тоҷикон
Рамзу нишони Ваҳдат аст.

## РОҒУН

Макони ваҳдати ҳама,
Замони ғайрати ҳама,
Нишонаи нишоти мо,
Саодати ҳаёти мо.

Туро агар бапо кунем,
Муроди худ раво кунем.
Макони нур мешавӣ,
Тавону зӯр мешавӣ.

Ту ҳусни дастранҷи мо,
Физояд аз ту ганҷи мо.
Туӣ сари баланди мо,
Ту кохи бегазанди мо!



## ХӮСА

Як хӯса кардам
Аз ҷомаву чӯб,
Як хӯсаи соз,
Як хӯсаи хуб.

Аз дур аён аст
Қадди расояш,
Дар остин аст
Дасти асояш.

Дар пош мӯза,
Дар сар кулоҳе,
Одам намояд
Вай бо нигоҳе.

Онро чу дидаст
Дар зери бодом,
Момом кардаст
Хаёли бобом.

# АФСОНА

Азбаски момо
Бисёр хонад,
Асрори дунё
Бисёр донад.

Наздаш нишинам
Саргарми суҳбат,
Бар ман бигӯяд
Панду насиҳат.

Афсонааш кай
Гардад фаромӯш?
Гирам гапашро
Чун ҳалқа дар гӯш.

## АЙЛОҚ

Айлоқ агарчи дур аст,
Бисёр ҷойи зӯр аст,
Кӯҳу дара сабзапӯш,
Ҳар сӯй чашма дар ҷӯш.
Аз дӯғу маскаю шир
Асло намешавӣ сер.
Пур аз алаф саросар
Пуштаву кӯҳу камар.
Дар ёлаву теғаҳо
Хуш рама дорад чаро.
Абри гузар медавад,
Аз бари ҷар меравад.
Чӯпони болидарӯҳ
Равад то домани кӯҳ.
Бо садои асояш
Рама шуд аз қафояш.
Аз баландӣ хамиданд,
Якҷо шуда, расиданд.
Дар ҳели худ ҷо шуданд,
То саҳар ҳампо шуданд.
Дар гирди ҳел алопар
Шуд посбон то саҳар.

## МУРҒАКИ БЕҲУШ

Мурғаки мо ҳар саҳар
Тухм монад дар ҳар дар.

Куҷо тухмашро монад,
Худаш ҳатто надонад.

Аз хотири ин беҳуш
Тухмаш шавад фаромӯш.

Бол зада ба ҳар тараф,
Дар боғоти сералаф

Тухмакашро мекобад,
Мекобад, намеёбад.

Қу-қу гӯяд лаби бом
Ин мурғаки ноором.

Чӣ мегӯяд, надонӣ?
Шуд вақти тухммонӣ!

## МЕҲМОН

Ба хона меҳмон омад,
Файзи фаровон омад.

Бо чеҳраи шукуфта
Кардаш қабул Олуфта.

Сухани ӯ ширин буд,
Қанду асал барин буд.

Ҳама гардидем хушҳол,
Бологузар бемалол.

Бахри меҳмон муҳайё
Шуд кулчақанду ҳалво.

Чаппотии бамазза,
Ҳам фатири бачазза.

Меҳмон худ файзи хона,
Шуд хӯроки идона.

## КӮҲИСТОН

Дар бари кӯҳу дара
Парандаҳо мепаранд,
Дар пуштаву ёнаҳо
Баррачаҳо мечаранд.

Бо ҷӯш мебарояд
Аз дили кӯҳ оби соф,
Савти хуши шаршара
Мешунавӣ дар атроф.

Бар кӯҳсор бингар,
Ҳар қуллааш чу девор,
Афсона дар афсона,
Ҳама фаслаш фусункор.

## ОМАД НАВРӮЗ

Обаки барфу борон,
Ҷӯйи ба ҷӯ шуд равон.
Гулу сабза баромад,
Ҳусни замин даромад.
Шуд ҷӯр бо шаршара
Сози ҳавои дара.
Дил мебарад яксара
Ҳусни чунин манзара.
Ҳам теппа шуд сабзапӯш,
Сар то ба пост гулпӯш.
Хуршед омад падид,
Субҳи мусаффо дамид.
Бо ранги дигар имрӯз
Омад ҳуҷаста Наврӯз,
Ҳокими дашту кӯҳ аст,
Пурфайзу пуршукӯҳ аст.



## ДӮЛОНА

Дӯлона пухта,
Дар ёна пухта.
Мисли зардолу
Ба дил аст дору.

Аз хел – хелаш
Кардам ҳамелаш.
Хоҳӣ, биё, хур
Як лаълии пур!

Таъмаш ширин аст,
Асал барин аст.
Ранги он зардак,
Дӯлона – қандак.

# МАНЗАРА

Ин саҳар хестам аз хоб,
Ҳама ҷо буд нопадид,
Кӯҳу саҳро пӯшида
Ба тан ҷомаи сафед.

Не яке раҳ менамуд,
Не дарё, не шаршара.
Дарахтон ҳам зери барф
Пинҳон гашта яксара.

Андешидам худ ба худ:
Ҳаво парво надорад.
Ҷонваракон беғизо,
Мебораду меборад.

## ВАЪДА

Рӯ ба рӯяш шинонда,
Устод як - ду гап зад:
- Ҳарфи дурӯғ гуфтан
Мебошад одати бад.

Бояд ки рост гӯйӣ,
Чолоку чуст бошӣ.
Мобайни ҳамсабақҳо
Шахси дуруст бошӣ.

Ваъда додам ба устод,
Нагӯям асло дурӯғ,
Дигар мекунам тавба
Аз дурӯғи бефурӯғ.

## ТИРАМОҲ

Дар боғу роғат
Сад рангу сад бӯ,
Сад нозу неъмат
Пухтаст ҳар сӯ.

Зарҳал либосат,
Ҳай-ҳай, чӣ зебо!
Зеботар аз ту
Шуд кишвари мо!



## ПАХТА

«Пахта, пахта, ҷон пахта»,
Гардад фаровон пахта.

Пахта ризқи мардум аст,
Пахта мисли гандум аст.

Ҳар кас ки пахта чинад,
Рӯи камӣ набинад.

Пахта ҳам тило бошад,
Ганҷи халқи мо бошад.

## ХУДПИСАНД

Агар ба шӯхӣ
Гӯӣ ба Масрур:
– Аз паҳлавонон
Ҳастӣ ту пурзӯр,

Ба чид бигӯяд
Бинмуда бозу:
– Медонам инро
Бе гуфтани ту!

# ИНТИЗОРИ ТАНАФФУС

Дар халтаиТарона –
Атру упову шона.

Вусма кашад ба абрӯ,
Ғоза бимолад ба рӯ.

Дарс ӯ вале надонад,
Нанависад, нахонад.

Дар назди тахта сархам
Меистад ӯ хапу дам.

Дар дил хурад вай афсӯс:
Чаро нашуд танаффус?!..

## ЗИДЕҲ

Боду ҳавояш беғубор,
Доим диҳад бӯйи баҳор.
Дар фасли тобистон ҳама
Яхоб бошад чашмасор.

Бошад гуворо оби он
Касро ҳаловат медиҳад.
Қаймоқу шираш дору аст,
Дармону қувват медиҳад.

Дар байни кӯҳҳои баланд
Чун кӯҳ бошад тармааш.
Сангу гиёҳу хоки он
Тобу тавон чун чашмааш.

## БАҲОРИ ХАРАНГОН

Ин дара пурвитоб аст,
Сад чашма дар шитоб аст.

Сад чашмаи давон аст,
Бар рӯдҳо равон аст.

Ҳамсадову ҳамнаво
Чашмасорон ба дарё.

Дар ёлаҳову пушта
Гулҳои лола кишта.

Дар кас ҳаловат диҳад,
Дармону қувват диҳад.

Чор фасли он баҳор аст,
Зеботарин диёр аст.

## ХОНАИ КӮҲ

Дар дили кӯҳу камар,
Дар раҳи оҳугузар,

Дар мағзи кӯҳсорон
Бошад ҳели ҷонварон.

Бе дару дарвоза аст,
Ҳавояш бас тоза аст.

Паноҳгоҳи ҷанварон
Аз сардии зимистон.

Ҷонваракон ба ҳар дам
Ҳамраҳ меоянд бо ҳам.

Мегиранд он ҷо ором
То субҳ аз дами шом.

Ин ҷойи паноҳгоҳ аст,
Дур аз хатару роҳ аст.

## БАЪДИ БОРОН

Аз қатраҳои борон,
Дар мавсими баҳорон

Ҳар он чи буд, дигар шуд,
Зебо буд, зеботар шуд.

Афзун шуд оби дарё,
Равон шуд сӯйи саҳро.

Сабза дамид ҳар тараф,
Пуштаҳо шуд пуралаф.

Чор тарафи дашту кӯ,
Зебо шуд аз ҳама сӯ.

Ҳусни наве пайдо шуд,
Замин аз гул шайдо шуд.

Чашмаҳо ҳам дарё шуд,
Дилҷӯ кӯҳу саҳро шуд.

# ХОРПУШТ

Дар пушташ бошад
Бори бисёре,
Тиру камонаш –
Хори бисёре.

Шикор меравад
Ӯ тани танҳо.
Дидастӣ оё
Ту дар ягон ҷо?

Аз ӯ ҳаросад
Гургаки ало
Хирсаки каҷпо,
Рӯбоҳи бало.

Санҷоб аст тарсон,
Шағол гурезон.
Ҳатто ҳаросад
Алопар аз он.

## САРҲАДБОН

То марзу бум осояд,
Ман посбон мешавам.
Нигаҳбони меҳанам
Аз дилу ҷон мешавам.

То осебе набинад
Сангу хоку рӯди он,
Ҳифзаш ба ҷон мекунам
Ҷун аскари сарҳадбон.

Бо ғайрату кори худ
Азму ирода дорам.
Дар ҳар хати ин сарҳад
Ман ба худ ҷода дорам.

Шабу рӯзам ман ҳушёр,
Ҳама хобу ман бедор.
Сарҳадбонӣ осон нест,
Гар набошӣ фидокор.

## ЧӮПОН

Оғӯши кӯҳистон аст
Манзилу маъвои ӯ.
Касбаш басо душвор аст,
Кас нагирад ҷои ӯ.

Биме дар дил надорад,
Ҳамвора дар роҳ бошад.
Аз гармову сармо ҳам
Ӯ бесарпаноҳ бошад.

Аз ҳар тараф меояд,
Овози кабки дара,
Ҷӯр мегардад дар куҳсор
Бо оҳанги шаршара.

Дар бағалаш баррача
Бошад ҳаловати ӯ.
Домани кӯҳу дара –
Дармону қуввати ӯ.

## ОМАД БАҲОР

Обу ҳаво дигар шуд,
Хандон баромад офтоб,
Чун кӯдаки гаҳвора
Нест дигар вақти хоб.

Барфи кӯҳ мешавад об,
Чашмаҳо гашта пуроб,
Аз оғӯши кӯҳистон
Сӯйи дарё бошитоб.

Файзу сахо меборад
Борони гарми баҳор,
Бӯе меояд форам
Аз хоки нарми шудгор.

Дар кӯҳу дашту саҳро
Сабза дамид саропо,
Омад баҳори рангин,
Мавсими хушу зебо.

## ЗОЧА

Гулдухтарак,
Нури хона.
Кабӯтарак,
Ӯ ягона.

Ду кокулаш
Тофта аст.
Куртаякаш
Бофта аст.

Алла гӯйӣ,
Хобаш барад,
Дасташ гирӣ,
Чашмаш парад.

Бо ману ту
Ӯ ногап аст,
Аз чӣ бошад,
Ки ӯ хап аст?

## ҲАШАР

Кори ҳашар бисёр аст,
Дасти ҳама ба кор аст.

Мардум ҳам бо бел омад,
Теппаро побел омад.

Чун кор бувад устувор,
Он гирад авҷу барор.

Хурду калон омаданд,
Пиру ҷавон омаданд.

Арча шинонданд қатор,
Зебо шуд чун марғзор.

Барги сабзаш беғубор,
Бошад доим соядор.

Қад кашиданд арчаҳо
Дар домани шаҳри мо.

Шуд ҷангали арчазор,
Чор фасли мо шуд баҳор.

## БАДАХШОН

Бошад Бадахшон
Боми барҳаво.
Дар рӯйи дунё
Аз ҳама зебо.

Равшан кунад дил
Самои софаш.
Давои сад дард
Оби шаффофаш.

Бӯйи гул ояд
Аз ҳар канораш.
Сарсабзу хуррам
Бошад баҳораш.

Тозаву тар аст
Обу ҳавояш,
Зар бошаду ганҷ
Ҳар ваҷаб ҷояш.

Дар синаи кӯҳ
Бахту иқбол аст,
Кӯҳи пуршукӯҳ
Ном Истиқбол аст.

Нури дидагон
Хоку оби он.
Тобу ҳам тавон
Чун модари ҷон.



## РАССОМ

Мурғобӣ дар ҳавзи об,
Кабӯтарак дар парвоз.
Куку дар шохи чинор,
Лонасозӣ кард оғоз.

Давон – давон аз полез
Харгӯшак орад карам.
Бобо каҳи бисёре
Як ҷо намуда ғарам.

Ҳалқа зада Алопар
Аз меҳр дар паси дар.
Хурӯсак дар лаби бом
Қу-қу кунад аз саҳар.

Лаб-лаби сою ҷӯйбор
Қад кашида сафедор,
Зебу зинат мебахшад
Кӯчаро чун дар баҳор.

Дар шохи сояи тут
Қафаси кабк овезон.
Қақар-қақар мехонад
Чун қосиди кӯҳистон

Аз кӯҳсори сабзапӯш
Хушрӯ дашту даман аст.
Ин расмҳои Ҳотам,
Дар он ҳама олам аст.



## ЧИСТОНҲО

На рӯзу шаб дар хоб аст,
Вақтро доим ҳисоб аст.

*(соат)*

Бе яке дурӯғу лоф,
Курта пӯшонад атроф,
Куртаи ӯ якранг аст,
Кӣ мегӯяд, чӣ ранг аст.

*(барф)*

Хоҳӣ, ки доно шавӣ,
Шахси тавоно шавӣ,
Ба ӯ бишав ту рафиқ,
Бигӯ, кӣ аст ин мушфиқ?

*(китоб)*

На ҷон дорад, на забон,
Мегазад ӯ бедандон.

*(алафи газанда)*

Аз садои баландаш
Ларзад кӯҳу пуштаҳо,
Таркиши он дар ҳаво,
Ёбед онро бачаҳо!

*(раъду барқ)*

Ба чашмат монӣ агар,
Ба он бинӣ яксара,
Гӯё ки дар кафи даст
Тамоми кӯҳу дара.
Ҳам ҷӯю ҷар бубинӣ,
Сою камар бубинӣ.
Ҳар он чизе, ки дур аст,
Меорад пеши бинӣ.

*(дурбин)*

Аз кӯҳ омаду аз дашт,
Тамоми деҳаро гашт.
Ҳар чӣ дучораш омад,
Ё дар канораш омад,
Бо шасти оҳи худ бурд,
Руфта аз роҳи худ бурд.

*(сел)*

МУНДАРИЧА

Ватан ........................................................3
Наврӯз ........................................................4
Сел ........................................................6
Дугоник ........................................................7
Соати деҳа ........................................................8
Абри найсон ........................................................9
Китоб ........................................................10
Нозири роҳ ........................................................11
Модар ........................................................12
Мактабу муаллим ........................................................13
Чашмаи кӯҳӣ ........................................................14
Кӯдаки дарё ........................................................15
Парасту ........................................................16
Шамолак ........................................................17
Қуллаҳо ........................................................18
Шаҳри мо ........................................................20
Нидои об ........................................................22
Борон ........................................................24
Боғи мактаб ........................................................26
Бобои деҳқон ........................................................27
Баҳори деҳа ........................................................28
Суруди шаршара ........................................................29
Ситора ........................................................30
Гунҷишкак ........................................................31
Пайроҳаи кӯҳистон ........................................................32
Баҳор ........................................................34
Илтиҷо аз телефон ........................................................35